# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Аличон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822-1918)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Тахрихи умумӣ (давраҳои дахлдор)**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки тачрибаи беш аз сисолаи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар шароити соҳибистиқлолӣ истифода аз мероси таърихиву фарҳангии ниёгон дар пешрафти худшиносии миллӣ яке аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Аз саҳифаҳои таърих берун кашидану дастраси имрӯзиёну ояндагон қарор додани дастовардҳои гузашта яке аз паҳлуҳои муҳимми худшиносию худогоҳӣ мебошад. Аз ин лиҳоз мавзуеро, ки диссертант мавриди таҳқиқ қарор додааст, хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дарачаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф дар таълифи диссертатсия аз осори олимони Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон истифода намудааст ва ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқотро омӯзиш ва таҳқиқу хулосабарории таърихи ташакулли матбуоти форсӣ ташкил менамояд, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Усули таҳқиқи рисола дар такя ба усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, принсипи таърихият, объективона ва аз таърихи раванди давраи нав дар амал татбиқ намудани ҳадафи гузошташуда ва натичаи судманди он баҳри рушди матбуоти форсӣ аз тарафи муаллиф риоя шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳачму номгузорӣ ва истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши таърихи ташаккули матбуоти форсӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анчом расонида нашудааст.

Матбуот муҳимтарин василаи пайвандкунандаи мардум бо тамоми шохаҳои ҳокимият буда, баробари бохабар кардани омма аз ҳар гуна ҳодисаву воқеаҳои дохиливу хоричи кишвар, инчунин дар маърифатнокӣ, ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии инсон нақши муассир мегузорад. Матбуоти ҳамсони нашрияҳои имрӯза аз қабили рӯзнома, ҳафтанома, моҳнома, мачалла, фаслнома ва монанди инҳо мисли дигар ҳама воситаҳои алоқа ва табъу нашр бидуни истисно раҳоварди тамаддун ва фарҳанги Аврупо буда, аммо дар манотиқи гуногуни қаламрави забони форсӣ бо номҳои гуногун шуҳрат пайдо

намудаанд. Аз ҷумла, дар Ҳиндустон, ки махди матбуоти форсизабон маҳсуб меёбад, ба тарҷума ва ифодаи мафҳуми истилоҳоти аврупоӣ пардохта, матбуотро аз вожаи англисии «нюс» тарҷума карда, «ахбор» номиданд. Туркҳо «вақоеъ», арабҳо «авроқ» ва ҷарида»-ро қабул кардаанд. Дар Эрону Афғонистон вожаҳои «ахбор» ва «вақоеъ», дар Осиёи Миёна калимаҳои «рӯзнома» ва «газета» маъмул гардид.

Хулоса, дар диссертатсия бо таъсиси матбуот ба забони форсӣ дар таърихи насри форсӣ жанри навпублисистика ва дар забони матбуот ва ё сабки рӯзноманигорӣ ва вожаҳову истилоҳоти хоси он пайдо шуд. Қавонини ин жанри ҷадид тақозо менамуд, ки ахбору мақолаҳо ба забони қобили дарки аксарият, бо калимаҳои балеғи меросӣ ва луғату истилоҳоти тозаворид навишта шавад. Аз ин лиҳоз зуҳури рӯзномамаву маҷаллаҳо дар рушду истиқрори истилоҳоти нав дар ин давра нақши муҳим бозид.

Ҳамин тавр, автореферата диссертатсия дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. –Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Ализода Алиҷон Анвар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. –Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ Изатов Умедҷон Хуршедович

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992) 906700011
E-mail:izatov.u@mail.ru

Имзои У.Х. Изатовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

05.03.2026